# РӮДАКӢ ВА АНЪАНАИ МАСНАВИСАРОЙӢ ДАР АСРИ Х

**Холиқова Шоира**
**Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ**

Маснавӣ, ки дар масъалаи фаро гирифтани тасвири воқеоти таърихӣ, ишқӣ, фалсафӣ, ахлоқ ва ғайра дар адабиёти форсу тоҷик мувофиқтарин шакли назм шинохта шудааст, дар адабиёти ин давра на фақат аз ҷиҳати миқдор, балки аз ҷиҳати фарогирии тасвири соҳаҳои гуногуни зиндагӣ низ хеле вусъат пайдо мекунад. Давраи эҳё ва камоли ин навъи адабӣ ба номи устод Рӯдакӣ рабт мегирад ва дар адабиёти асри Х ба василаи мероси адабии Рӯдакӣ маснавӣ ҷойгоҳи хос пайдо мекунад.

Аз он ки маснавӣ аз қолабҳои шеъри форсӣ аст, ҷойи тардид нест ва аксари муҳаққиқони таърихи адабиёти форсу тоҷик ин назарро таъйид кардаанд, ки Паул Ҳорн, С. Айнӣ, С. Нафисӣ, Е. Э. Бертелс, А. Мирзоев, М. Н.- Усмонов, И. С. Брагинский, З. Сафо, М.Маҳҷуб, А.Тоҳирҷонов аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Маснавигӯӣ дар адабиёти мо ба номи устод Рӯдакӣ рабт мегирад ва ҷуз «Калила ва Димна» ӯ боз шаш маснавии дигар низ доштааст /13, 433/. Маснавиҳои Рӯдакӣ ва шоирони дигари ҳамасри ӯ имкон медиҳад, ки дар боби маснависаройӣ дар асри Х ва хусусиятҳои хоси он ба тариқи алоҳида сухан гӯем.

Суоли аввале, ки дар замина пайдо мешавад, ин аст: чаро баъди истилои араб маҳз ҳамин навъи шеърӣ дар шакли хосси миллӣ зуҳур

кард ва тадриҷан ташаккул ёфт? Пурсиши дигар низ ба ёд меояд, ки чаро маҳз жанри маснавӣ василаи баёни мавзуоти қаҳрамонӣ ва андарзӣ қарор гирифт? Аз асри X ва Рӯдакӣ шурӯъ шудани маснавигӯӣ боз ҳам дар навбати аввал ба масъалаҳои худшиносӣ ва асолатнигоҳдории соҳибони ин адабиёт, яъне ҳамаи қавмҳои эронӣ боз мегардад. Ҳарчанд «футуҳоти араб бо он ҳама қувват ва қудрате, ки барои маҳви забони порсӣ ба харҷ додаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ муваффақ нагардида, балки сар фуруд овардаанд. Эрониҳо пас аз иқтибоси авзони араб як тарзи ҷадиде муносиби рӯҳи худ таъсис ва эҷод кардаанд, ки ба куллӣ аз усули араб ҷудо буда ва тафовуқе бо онҳо надоранд. Минҷумла арабҳо, чунонки ба ҷиҳати касрат ва суҳулати вуҷуди қавофӣ матолиби худро аз хамосӣ ва ғаромӣ ба қолаби қасида рехта ва ба ин шева мофизамири худро баён ва изҳор кардаанд… Эрониҳо ҳам усули маснавиро дар муқобили қасида ва комилтар аз он ихтироъ намуда ашъори размӣ ва базмии худро дар он шеваи шево ба назм даровардаанд, ки доманаи матлабро дар чандин ҳазор байт ва бештар аз ин бо як равия ва услуби осонтаре адо менамоянд, ки муҳтоҷ ба ҷамъ ва теъдоди қафовӣ нестанд ва ба илова касрати такрори қофия ҳам, чунонки дар қасида малоли хотир ва сомиъаи хонандагон ва шунавандагон аст, дар маснавӣ вуҷуд надорад ва ба ҳамин муносибат аст, ки радиф ҳам ба хилофи қасида ва ғазал дар маснавӣ писандида нест ва маснавӣ гуфтан аз соири ақсоми шеър мушкилтар аст. Зеро ки дар ин ҷо лафз тобеи маънӣ буда ва дар қасида ва ғазал маънӣ тобеи лафз аст… Тавҳиди муқаддимаи матлаб ва силсилаи рабти калом аз шароити маснавӣ аст. Тавҳид ва муноҷот

ва наът ва мадҳи султон, таърифи сухан ва сабаби таълиф низ дар муқаддимаи маснавиҳо маъмул шуда ва бидуни тарҳи муқаддамоти мазбур хеле кам аст» /15, 226-227/.

Ба мушоҳидаи сареҳи Худоӣ Шарифов «паҳнои мавзӯӣ ва ривоятиву таърихӣ ва асотирии маснавиро таъриху фарҳанги бузурги Эрон таъмин кард» ва «табъу завқи эронӣ ба он шукӯҳи ҳамосӣ ваҳдату ягонагии ҷисми зиндаро бахшид» /18, 15/.

Худоӣ Шарифов пеш аз ин тавзеҳот як ҷумла меорад, ки гӯё дар таъйиди моли адабиёти араб будани маснавист. Ӯ менависад: «Маснавӣ вусъатеро, ки дар ҳамосаи миллии эронӣ «Шоҳнома» ва дигар маснавиҳои достонӣ ва ҳикматӣ дошт, дар адабиёти араб қатъан наёфтааст» /18, 15/. Аз ин мулоҳиза чунин натиҷа бармеояд, ки ин навъи шеър дар адабиёти араб шоеъ будааст. Дар ин боб Шиблии Нӯъмонӣ сареҳан менависад, ки «ин матлаб, ки маснавӣ аз кай ва чӣ гуна дар Эрон пайдо шуда ва он оё аз эҷодиёти эрониён аст, ё аз араб гирифта шуда, дуруст маълум нест. Ин қадар мусаллам аст, ки то он вақт дар араб аз маснавӣ чизе набуда ва унвоне надошт. Албатта раҷазро аз ҷиҳати он ки ҳар байти он аз байти дигар ҷудост ва дигар вақоеъ ва матолиби мусалсал дар он зикр мешавад, метавон маснавӣ номид ва он дар асри бани Уммия то ин дараҷа баст ва вусъат пайдо карда буд, ки ҳатто урҷузаҳои садбайтӣ низ вуҷуд доштааст… Ғараз агар бигӯем, ки Эрон худ муҷиди маснавӣ набуда, балки тақлид аз раҷаз кардааст, ин тақлидро аз иҷтиҳод ҳам болотар донист. Зеро дар араб то имрӯз як маснавии басите ҳам дида нашуда, вале аз шуарои Эрон ҳазорон маснавии олӣ ва мумтоз мавҷуд ва мавриди истифодаи

тамоми дунё мебошанд» /17, 173-174/, Шиблии Нӯъмонӣ ҳарчанд аввалин эҷодкунандаи маснавиро номаълум медонад, вале бар ин назар аст, ки «агар мо Рӯдакиро Одами шеър бидонем, бояд шахси ӯро эҷодкунандаи аввалин маснавӣ донист. Чи қабл аз ӯ нишоне аз маснавӣ нест» /17, 174/.

Миқдори зиёди маснавиҳои ин аҳд ба Рӯдакӣ мерасад ва «Калила ва Димна» дар сархатти маснавиҳои адабиёти асри даҳи форсу тоҷик қарор мегирад. Ба ифодаи Аълохон Афсаҳзод «достони устод Рӯдакӣ аз нахустин достонҳои ахлоқист, ки дар вақташ аз 12 ҳазор байт иборат будааст. Баъзеҳо ҳаҷми ин маснавиро то 18 ҳазор байт гуфтаанд» /3, 232/.

Ховаршиноси маъруф А. Тоҳирҷонов дар натиҷаи қиёсу муқобила ва нақду арзёбии андешаҳои тазкиранигорон ва муаллифони китобҳои адабию таърихӣ ба чунин хулоса меояд, ки Рӯдакӣ маснавиҳои зайлро офаридааст:

1. «Калила ва Димна».

2. «Синдбоднома».

3. «Даврони офтоб» (баҳри рамал).

4. «Ардовирофнома».

5. «Тоҷулмасодир»- фарҳанги тафсирии тоҷикӣ вазнаш номаълум.

6. Фарҳанги арабӣ ба тоҷикӣ вожаҳои ҳаммонанд (омонимҳо).

7. Маснавии дорои мазмуни дигар- баҳри хафиф.

8. «Ароисуннафоис».

9. «Тавоифуллатоиф», вазнаш номаълум.

10. Асари нуҷумӣ.

11. Маснавии дорои мазмуни дигар-баҳри музореъ.

12. Маснавии ҳамосӣ, баҳри мутақориб.

13. Маснавӣ.

14. Маснавӣ дар ду вазни гуногуни баҳри ҳазаҷ.

15. Маснавӣ, баҳри сареъ /16, 210/.

Дар баъзе сарчашмаҳо маснавии «Вомиқ ва Азро» ишитибоҳан ба Рӯдакӣ нисбат дода шудааст, ки воқеъият надорад.

Машҳуртарин маснавии асри даҳ «Калила ва Димна»- и устод Рӯдакист, ки ба қавли Саид Нафисӣ «маҷмӯаест аз афсонаҳо ва ҳикоёти ҳиндӣ аз забони ҳайвонот» /13, 429/. Ин донишманд бо ҳамин ном маснавӣ навиштани Рӯдакиро таъйид карда менависад, ки «то кунун 127 байт аз абёти парокандаи он ба даст омадааст» /13, 431/. Саид Нафисӣ вазни ин маснавиро мусаддаси мақсур аз баҳри рамал, яъне бар вазни фоилотун, фоилотун, фоилон медонад, ки байти нахустини он ин будааст:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор /13, 43/.

Яке аз вежагиҳои маснависароӣ дар асри X таълифи маснавиҳои ҳикматӣ ва мавзӯи размиёт мебошад ва маснавии «Калила ва Димна» аз ин навъ аст. Шиблии Нӯъмонӣ дар боби пайдоиши ин маснавӣ чунин нигоштааст: «Калила ва Димна» ибтидо аз санскрит ба порсӣ тарҷума шуда, лекин вақте ки Абдуллоҳ Муқаффаъ онро ба арабӣ тарҷума кард, нусхаи порсии он ба куллӣ аз равнақ афтод, бад-ин ҷиҳат Наср ибни Аҳмади Сомонӣ амр кард ба Рӯдакӣ, ки онро дар форсӣ ба ҳуллаи назм биоварад» /17, 24/. Забеҳуллоҳи Сафо ин

маснавиро «муҳимтарин асари Рӯдакӣ» /14, 370/ унвон мекунад.

Дигар аз маснавиҳои адабиёти асри X «Синдбоднома»- и устод мебошад ва «ин асар достоне дар бораи шоҳзода ва ҳафт вазир, ки асли он низ аз манобеъи ҳиндӣ гирифта шуда, ба насри порсии миёна, арабӣ ва форсии нав даромада, аз ин асари ҳамосӣ фақат чанд байт шеър боқӣ мондаасту бас. Маснавии «Синбоднома» бо мавзуъҳои арзишманди ахлоқӣ ва таълимӣ адабиёти асри X-ро ғанӣ гардонда ва минбаъд ба инкишофи ин навъи адабӣ таъсиргузор мебошад.

Аксари донишмандон вақте ки дар бораи маснавиҳои Рӯдакӣ сухан кардаанд, аз маснавии «Даврони офтоб»– и ӯ низ хабар додаанд. Донишмандоне баъзе байтҳои дар баҳри рамал то ба мо расидаро аз ҳамин маснавии Рӯдакӣ донистаанд. Хулосаи ниҳоии Саид Нафисӣ низ дар ин боб қатъӣ набуда, тахмин мекунад, ки агар «Синдбоднома», «Даврони офтоб» маснавиҳои мустақил бошанд, пас Рӯдакӣ се маснавӣ дар баҳри рамал навиштааст, вале дар тавзеҳот ӯ вуҷуди маснавии «Даврони офтоб»- ро рад карда, онро иштибоҳи мураттибони фарҳангҳо медонад» /12, 107/.

Абулғанӣ Мирзоев байтҳои Аз Хуросон барвазӣ товусваш, Сӯи Ховар мехиромад шоду каш. Меҳр дидам бомдодон чун битофт, Аз Хуросон сӯи Ховар мешитофт-ро оварда, ба чунин натиҷа расидааст, ки «ҳамон навъе, ки аз мазмуни ин байтҳо маълум мешавад, мавзӯи китоби «Даврони офтоб» тасвири сайри офтоб ва масоили ба ҳамин алоқаманд будааст, ки он ба мундариҷаи достони «Синдбод» наздикие надорад» /9, 169/. Ҳамин донишманд баъзе ҳикоятҳои «Синдбоднома»-ро дар маснавии «Калила ва Димна» ғунҷонидани Рӯдакиро ба сабаби

аз ҷиҳати мазмун мувофиқ набудани онҳо ғайривоқеъӣ медонад ва ба ин ду далел таъйид мекунад, ки Рӯдакӣ дар қатори манзумаҳои «Калила ва Димна» дар баҳри рамали мусаддаси мақсур ду маснавии дигар–«Даврони офтоб» ва «Синдбоднома» низ доштааст /11, 169/. Аълохон Афсаҳзод ҳамон фарзияи Абдулғанӣ Мирзоев мазмунан дигар будани маснавии «Даврони офтоб»-ро тақвият бахшида, ба чунин хулоса меояд, ки «достони «Даврони офтоб» маснавии ҷудогонаи устод Рӯдакӣ, ғайр аз «Калила ва Димна» ва «Синдбоднома» буда, ин се маснавӣ дар як вазн иншо гардидааст» /3, 243/. Аълохон Афсаҳзод чаҳор байтро аз маснавии «Даврони офтоб» нақл карда, менависад, ки «маълум мегардад, ки он, дар воқеъ роҷеъ ба ҳаракати офтоб, мавқеи ҷой гирифтани бурҷи ҷавзо, ки номи тоҷикии он «бара» зикр шудааст, аз хуршедбаро, яъне Хуросон ба тарафи Ховар, ки ба маънии машриқ аст, шитофтани меҳр, ки номи дигараш офтоб аст, дар нимрӯзон, яъне нисфи рӯз, бар болои сар рост омадан ва бегоҳӣ– дар офтобнишин нопадид гаштанаш, яъне аз Хуросон ба Ховар расида, аз чашмҳо ноаён гардиданаш ва ҳамчунин, дар фасли баҳор сабз гардидани ҷаҳон сухан меравад» /3, 249-250/. Ин донишманд ба чор байти аз рӯи мазмун ба «Даврони офтоб» мансуб донистаи А. Мирзоев шаш байти дигар меафзояд.

Аз байтҳои иқтибоскардаи А. Афсаҳзод маълум мешавад, ки мавзӯи ин маснавӣ сипеҳршиносӣ, ҷуғрофиё ва ё нуҷум будааст ва табиист, ки замони таълифаш низ ба қабл аз эҷоди «Донишнома»-и Майсарӣ мерасад, ки онро ховаршиноси фаронсавӣ Жилбер Лазар ягона манзумаи калонҳаҷми пеш аз замони Фирдавсӣ то ба мо расида

донистааст /7, 96/. Аз он чи гуфта шуд, метавон ба чунин хулоса омад, ки байтҳои боқимонда ва мавзӯи онҳо далолат бар он мекунанд, ки нахустин маснавиро дар мавзӯи илм устод Рӯдакӣ гуфтааст.

Устод Рӯдакӣ ҷуз ин се маснавӣ маснавиҳои дигаре дар вазнҳои мутақориби мусаммани мақсур, ҳафифи аслами мусаббағ, ҳазаҷи мусаддаси мақсур, музореъи мусаддаси маҳзуф, сареъи матвии мавқуф ва ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф низ гуфтааст, ки мутаассифона, аз ин маснавиҳо байтҳои парокандае дар фарҳангҳо ва китобҳои адабию таърихӣ боқӣ мондасту бас.

Ба ин тариқ, дар таърихи маснавӣ ва маснавигӯёни асри Х осор ва номи устод Рӯдакӣ дар ҷои аввал буда, ӯ сохт ва муҳтавои маснавии ин давраро пайрезӣ намудааст.

Муаллифони сарчашмаҳо, китобҳои адабию таърихӣ ва дигар тадқиқотҳои илмии анҷомгирифта, намунаҳои боқимондаи маснавиҳои дигарро низ, ки дар вазнҳои мухталиф навишта шудаанд, зикр кардаанд. Муҳаққиқи эронӣ Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб бар ин назар аст, ки «мумкин аст баъзе аз ин абёт, аз қитъаи кӯтоҳ, ё ҳикояте мухтасар, ки дар қолиби маснавӣ суруда шуда, бар ҷой монда бошад. Аммо ин амр дар асли матлаб, ки иқболи шоирони давраи сомонӣ ба сурудани маснавӣ аст, таъсире надорад» /10, 101/.

Дар заминаи осори дастрас маснавиҳои дигари ин давраро аз рӯи вазнашон метавон муайян кард. Нахуст маснавиҳоеро зикр хоҳем кард, ки дар баҳри мутақориби мусамани мақсур (ё маҳзуф) эҷод гардидаанд. Дар ин радиф муҳаққиқон дар заминаи ду байти зерини Шаҳиди Балхӣ соҳиби чунин як маснавие дар баҳри мутақориби

мусаммани мақсур будани ӯро фарз кардаанд. Байт:

Замона аз ин ҳар дувон бигзарад,
Ту бигвол чизе, к-аз ӯ нагзарад.
Агар бозӣ андар чағу кам накард,
В-агар бошаӣ, сӯи бутон мапар /10, 101/.

Ҳамчунин байти:

Чу олезанда шуд, дар марғзоре,
Набошад бар дилаш аз ёр боре /10, 101/-ро

аз маснавии ӯ донистаанд.

Дар ин баҳр се байтро ба Абулҳасани Оғоҷӣ нисбат додаанд:

Дар он кӯй пири равонхоҳ буд,
Ки дасташ зи ҳар кор кутоҳ буд.
Чу аз саркашӣ кард ҳар су нигоҳ,
Шукӯҳиду афтод бар хоки роҳ.
Чунон шуд ғарошида аз кинааш,
Ки оташ забона зад аз синааш /10, 101/.

Дигар аз шоироне, ки дар ин баҳр маснавӣ гуфтааст, Абулмасали Бухороӣ мебошад ва аз ӯ ҳамагӣ 25 байт боқӣ мондааст ва чаҳор байти онро донишмандон ба маснавии ӯ мансуб донистаанд. Ин чаҳор байт низ дар маҷмӯаҳои Гелонӣ, Мудаббирӣ ва китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» каме носаҳеҳ ва ивази ҷой омада, дар китоби Маҳҷуб дар як ҷо ва ба назари мо саҳеҳ нақл шудааст:

Ба ҳила чу рубаҳ фиребанда буд,
Ба кина чу шери ситезанда буд.
Сипоҳе чу сар дорад аз шаҳ дареғ,

Бибояд ҳаме қуфт он сар ба теғ.

Зи нолиданаш кӯҳ шуд бе сукун,

Зи муиданаш шуд дили санг хун.

Сияҳкосаву дуну пурх(в)ар бувад,

Шутурвор доим ба нушх(в)ар бувад /10, 101/.

Абулаббоси Марвазиро (дар баъзе сарчашмаҳо Абулаббоси Рабанҷанӣ омадааст) низ ба далели як байташ:

Яке мард, вайро бибояд нахуст,

Ки гӯяд ниюшидаҳоро дуруст /3, 197/.-

Аз шоири тавоно Абулмуайяди Балхӣ, ки дар ҷавонӣ суҳбати Рӯдакиро дарёфтааст, байти зер мондааст ва онро муҳаққиқон мансуб ба маснавии ӯ донистаанд:

Далере, ки тарсад зи пайкори шер,

Зани зоҷ хонаш, махонаш далер /2, 96/.

Дар бораи Хуҷистаи Сарахсӣ то ҳол маълумоти дақиқ нест. Аммо мураттибони китоби «Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ» аз 12 байти дастраси ӯ ёд кардаанд. Инак байтҳои аз он маснавии шоир боқимонда:

Бисанда накардам ба бат-куби хеш,

Бар он шудам, к-аз манаш сер беш.

Даромад як ходи чанголтез,

Рабуд аз кафаш гӯшту бурд аз гурез.

Ҷавон будаму пунба фаҳмидаме,

Чу фаҳмида шуд дона барчидаме.

Бар ин шаш раҳ омад ҷавонро гузар,

Чунин дон, ки гуфтам барои кузар.

Нишаста ба сад хашм дар козае,

Гирифта ба чанг андарун бозае. /2, 102/.

Сарчашмаҳо аз шоири дигари миёнаи асри Х Маъруфии Балхӣ, ки аз ӯ 55 байт боқӣ мондааст, байти:

В-аз он пас ки бад кард бигзоштам,

Бар ӯ бар сипосе набардоштам /8, 126/.

-ро ёд кардаанд ва ба маснавии дар ҳамин баҳр навиштаи ӯ мансуб донистаанд.

Се байти «Шоҳнома» - и Масъуди Марвазӣ, ки ду байт аз оғози он ва як байт аз анҷоми он боқӣ мондааст, низ ба маснавии ҳамноми ӯ тааллуқ дошта, мазмуни байтҳои боқимонда ба маснавии размии таърихӣ будани он далолат мекунанд:

Нахустин Каюмарс омад ба шоҳӣ,

Ба гетӣ даргирифташ пешгоҳӣ.

Чу сӣ соле ба гетӣ подшо буд,

Ки фармонаш ба ҳар ҷое раво буд.

Сипарӣ шуд замони хусравоно,

Ки коми хеш ронданд дар ҷаҳоно. /8, 126/.

Дар баҳри рамали мусаддаси мақсур низ шоирони асри даҳ маснавӣ гуфтаанд, ки байтҳои Абӯшакури Балхӣ:

Чун ниёз ояд сазовор аст дод,

Ҷони ман гирёни ин солор бод. /10, 103/

Абулҳасани Оғоҷӣ:-

Дар гили ғурбат зи по бишпиданам,
Нест мумкин рӯи ёрон диданам /10, 103/.

Абулмасали Бухороӣ:

Рафт дар дарё ба тангӣ об ҷуст,
Роҳи дур аз назди мардум дурдаст /10, 102/.

Абулаббоси Марвазӣ:

Ҷон таранҷид аз ғами ҳиҷрон маро,
Аз насими васл кун дармон маро /10, 102/

Ва Абулмуайяди Балхӣ:

Ид шуд дигар, ки он дилдори шанг,
Баҳри куштан ҷомаҳо пӯшад заранг /10, 107/

намунаи он аст. Дар такя ба намунаҳои боқимондаи шеъри устод Рӯдакӣ Абӯшакури Балхӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абулҳасани Оғоҷӣ, Абулмасали Бухороӣ, Абулаббоси Марвазӣ, Абуяҳё Тоҳир бини Фазли Чағонӣ, Абуабдуллоҳи Фароловӣ, Маъруфии Балхӣ, метавон гуфт, ки дар баҳри хафифи солими махбуни мақтӯъ ин шоирон маснавӣ гуфтаанд, ки намунаҳои шеъри ин шоирон дар сарчашмаҳо зикр шудааст.

Маҳҷуб менависад, ки «марҳум Тарбият дар силсилаи мақолаҳои «Маснавӣ ва маснавигӯёни Эрон» (мундариҷ дар соли панҷуми маҷаллаи «Меҳр») аз шоире дигар ба номи Бахтиёрӣ ном мебарад ва тасреҳ мекунад, ки вай низ маснавӣ суруда будааст». Маҳҷуб

Бахтиёриро аз шоирони аҳди Рӯдакӣ тахмин мезанад ва таъкид мекунад, ки ном ва нишони ин шоирро дар маъхазҳое, ки дастрасаш буданд, наёфтааст /10, 105/.

Дар миёни ашъори боқимондаи шоирони асри X байтҳои зиёде ҳастанд, ки қофияи ҷуфт доранд ва шояд аз маснавӣ бошанд. Ба ифодаи ин донишманди эронӣ «он чи дар он тардид нест ин аст, ки маснавиҳои бузург ва кӯчаке, ки дар даврони Сомонӣ суруда шудааст, мунҳасир ба ҳамин теъдод нест ва ному нишони бисёре аз онҳо ба куллӣ аз миён рафтааст. Дар ҳар ҳол, ин аст сурати маснавиҳое, ки бо истиқсои нисбатан дақиқ дар фарҳангҳо ва маъхазҳои дигар метавон онҳоро марбут ба ин давра донист» /10, 104/. Дар ин замина ба он чи гуфта шуд, наметавон қаноат кард ва домани баҳс кушода мемонад.

Ба ин тариқ, намунаҳои боқимондаи ин навъи адабӣ гувоҳ бар онанд, ки маснавӣ дар асри X чун шакли хос истиқлол пайдо карда, дар ин навъи адабӣ мероси қобили мулоҳизае ба вуҷуд омадааст. Дар таърихи маснавӣ ва маснавигуёни асри X осор ва номи устод Рӯдакӣ дар ҷои аввал буда, ӯ сохт ва мӯҳтавои маснавии ин давраро пайрезӣ намудааст. Маснавии «Калима ва Димна» аз навъи барозандаи ин навъи адабист. Дар мавзӯъҳои таълимӣ ва рамзӣ ба вуҷуд омадани маснавиҳо худ далели устувор шудани суннатҳои адабӣ буда, ба василаи мероси адабии Рӯдакӣ ҷойгоҳи хос ва дар адабиёти ин аҳд на фақат аз ҷиҳати микдор, балки ба ваҷҳи фарогирии тасвири соҳаҳои гуногуни рӯзгор хеле вусъат пайдо менамояд.

***АДАБИЁТ:***

1. Ашъори парокандаи қадимтарин шуарои форсизабон. Аз Ҳанзалаи Бодғисӣ то Дақиқӣ (ба ғайр аз Рудакӣ). Бо тасҳеҳ ва муқобила ва тарҷума ва муқаддима ба забони фаронсавӣ. Ба кӯшиши Жилбер Лазар, устоди мадрасаи забонҳои шарқии Порис – Теҳрон: Анҷумани эроншиносии Фаронса дар Теҳрон. Сандуқи пусти 1968-11, 1982/ 1362.- 224 с.

2. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. Таҳияи матн ва луғату тавзехот аз Худой Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов.-Душанбе: «Адиб», 2007.–с.126–172.

3. Афсаҳзод А. Одамушшуаро Рӯдакӣ-Душанбе: «Адиб» 2006.-310 с.

4. Бертелс Е. Э Расцвет литературе в X в.- История персидско-таджикской литературы. -Москва, 1960.–с.109–168.

5. Брагинский И.С. Абу Абдуллоҳ Ҷаъфари Рӯдакӣ- Душанбе: «ЭР-ГРАД», 2009. –157С.

6. Дастғайб А. Рӯдакӣ шоире бо алфози хуш ва маонии рангин //Паёми навин, 1345, ш. 2–с.15–26.

7. Лазар Ж. Два медицинских трактата X века на фарси-дари.– Рӯдакӣ ва замони ӯ: маҷмӯаи мақолаҳо. Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1958.–с.84–97.

8. Луғатномаи Деҳхудо Ҷилди 3.-–Теҳрон, 1325.–с.540–546

9. Луғати фурс мансуб ба Асадии Тӯсӣ бо ҳавошӣ ва таълиқот ва фаҳорис.Ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ.–Теҳрон, 1336 хуршедӣ.–210 с.

10. Маҳҷуб М. Ҷ. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ. Баррасии мухтассоти сабки шеъри форсӣ аз оғози зуҳур то поёни қарни

панҷуми ҳиҷрӣ.–Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ ва Ҷомӣ. Чопи аввал, бе таърихи нашр.–737 с.

11. Мирзоев А. Абӯабдулло Рӯдакӣ. Сталинобод: Нашрдавточ, 1958.–276с.

12. Нафисӣ С. Муҳити зиндагӣ ва аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ–Техрон, 1382, чопи аввал–688с.

13. Нафисӣ С. Аҳвол ва осори Рӯдакии Самарқандӣ, Ҷилди 3–Теҳрон, 1319-486с.

14. Сафо З. Таърихи адабиёт дар қаламрави забони форсӣ. Аз оғози аҳди исломӣ то давраи салҷуқӣ. –Теҳрон, 1371.– 716 с.

15. Тарбият М. Маснавӣ ва маснавигӯёни эронӣ//маҷаллаи «Меҳр», шумораи 3, соли панҷум,– с.225.–231.

16. Тоҳирҷонов А. Рӯдакӣ. Рӯзгор ва осор. Таърихи таҳқиқ. Тарҷумаи Мирзо Муллоаҳмад.– Душанбе, 2008.– 166с.

17. Шиблии Нӯъмонӣ. Шеърулаҷам,ҷ.4,тарҷумаи Доии Гелонӣ.-Теҳрон,1336.-220с.

18. Шоирони аҳди Сомониён. Мураттибон ва омодакунандагон Худой Шарифов ва Абдушукур Абдусатторов–Душанбе: Адиб, 1999.- с.66- 74

## РӮДАКӢ ВА АНЪАНАИ МАСНАВИСАРОЙӢ ДАР АСРИ X

Дар ин мақола муаллиф қайд менамояд, ки дар адабиёти тоҷикӣ-форсии асри X маснавӣ мувофиқтарин шакли назм шинохта шудааст ва дар адабиёти ин аҳд на фақат аз ҷиҳати микдор, балки ба ваҷҳи фарогирии тасвири соҳаҳои гуногуни рӯзгор хеле вусъат пайдо

намудааст. Миқдори зиёди маснавиҳои ин аҳдро ба Рӯдакӣ нисбат дода, «Калила ва Димна» дар сархати маснавиҳои адабиёти асри даҳи форсу тоҷик қарор дорад.

Ба ин тариқ, намунаҳои боқимондаи ин навъи адабӣ гувоҳ бар онанд, ки маснавӣ дар асри X чун шакли хос истиқлол пайдо карда, дар ин навъи адабӣ мероси қобили мулоҳизае ба вуҷуд омадааст. Маснавии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва дигар шоирони ҳамзамони ӯ ба мо имконият медиҳанд, ки дар бораи падидаи асари маснавӣ дар асри X, хусусиятҳои хос ва гуногунрангии шаклҳои он сухан ронем.

***Калидвожа:*** адабиёти тоҷику форс, иншо, шоир, маснавӣ, жанр, ҳамасрон, анъана.

***Маълумот дар бораи муаллиф:*** Холикова Ш.К. (н.и.ф.)-ходими пешбари илмии шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға:735025, Душанбе, Рудаки 33, тел.:(+992) 37 221.04.77, E-mail: Selen_sh@mail.ru

## РУДАКИ И ТРАДИЦИЯ СОЧИНЕНИЕ МЕСНЕВИ В X ВЕКЕ

В данной статье автор подчёркивает о том, что в таджикско-персидской литературе X века месневи являлось наиболее гармоничным жанром поэзии и в литературе этого периода весьма распространилось и по количеству, и по охвату описания различных сфер жизни произведений. Большое количество месневи относится перу Абуабдуллаха Рудаки и в главе этого ряда месневи персидской литературы X века стоит «Калила и Димна».

Таким образом, сохранившиеся образцы этого литературного жанра являются свидетелями того, что в X веке месневи приобрело свою собственную самостоятельную форму, в этом жанре создавался огромный объём литературного наследия. Месневи Абуабдуллаха Рудаки, и других поэтов - его современников предоставляют нам возможность говорить о явлении сочинения месневи в X веке, его специфических особенностях, и своеобразии его форм.

***Ключивые слова:*** таджикско-персидская литература, сочинения, поэт, месневи, жанр, современники, традиция.

***Информация об авторе:*** Холикова Ш.К. - ведущий научный сотрудник Отдел Ближнего и Среднего Востока Институт изучения проблем стран Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес:735025, Душанбе, Рудаки 33, тел.:(+992) 37 221.04.77, E-mail: Selen_sh@mail.ru

### *RUDAKI AND THE TRADITION OF COMPOSING OF MESNEVI IN THE 10TH CENTURY*

In this article, the author emphasizes that in the Tajik-Persian literature in the 10th century mesnevi was the most harmonious genre of poetry and in the literature of this period it was very widespread both in quantity and in the coverage of descriptions of various spheres of works' life. A large number of Mesnevi of this period belongs to the pen of Abuabdullah Rudaki and in the head of this series of Mesnevi of Persian literature of this period is "Kalila and Dimna".

Thus, the preserved examples of this literary genre are witnesses that in the 10th century, Mesnevi acquired its own independent form, a huge

volume of literary heritage was created in this genre. Mesnevi Abuabdullah Rudaki, and other poets - his contemporaries, provide us with the opportunity to talk about the appearance of the composition of Mesnevi in the 10th century, his specific features, and the originality of his forms.

**Key words**: Tajik-Persian literature, essays, poet, Mesnevi, genre, contemporaries, tradition.

**Information about the author**: Kholikova Sh.K. - Leading researcher at the Department of the Near and Middle East of the Institute for Asian and European Studies of National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 735025, Dushanbe, Rudaki 33, tel.: (+992) 37 221.04.77, e-mail: selen_sh@mail.ru